# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Калонзода Фатҳиддин Мирзошариф дар мавзуи «Ақидаҳои давлатӣ - ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод карда шудааст.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Калонзода Фатҳиддин Мирзошариф дар мавзуи «Ақидаҳои давлатӣ – ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст, ки аз руйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 уми январи соли 2022, №16 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Дар даврони муосир низ Тоҷикистон бо такя ба афкор ва таҷрибаи таърихии ниёгони худ раванди гуфтутӯи тамаддунҳоро ҳамеша ҷонибдорӣ менамояд ».

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Омӯзиши осори гаронмояи аҷдодон пас аз ба даст даровардани истиклоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон боз зиёд гардид, чун зарурияти сохтмони давлати миллӣ ва созмон додани низоми ҳуқуқи миллӣ пеш омад ва мусаллам аст, ки бе омӯзиши таърих ва фарҳанги миллӣ, таҷрибаи давлатдории тоҷикон, адабиёту санъат ва маданияти бойи гузуштагони тоҷикон дар сатҳи зарурӣ амалӣ намудани ин нияту ормонҳо ғайриимкон мебошад. Ба масъалаи мазкур дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2019 чунин таъкид гардида буд: «Олимону донишмандони моро зарур аст, ки ба шинохти дурусти таърих, тарғиби меъроси маънавӣ ва суннату оинҳои мардумӣ низ, ки тайи асрҳо дар хотираи таърихии миллати тоҷик нақш бастаанд, таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намоянд. Таърихи пурифтихори халқи тоҷик мактаби бузурги худшиносӣ мебошад ва мо вазифадорем, ки ба он арҷ гузорем, саҳифаҳои дурахшони қаҳрамониву диловарии гузаштагони худро омӯзем ва онро ҳамчун асоси ғояи ватандӯстиву садоқат ба Ватан ташвиқ намоем» .

Дар ин раванди пурталотуми давлатсозии навин ҷумҳурии мо ба бисёр мушкилиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, инчунин бозиҳои

геополитикии бозингарони минтақаи Осиёи Марказӣ ва абарқудратони сатҳи ҷаҳонӣ рӯ ба рӯ гашта, аз ин имтинҳони бузурги таърихӣ сарбаландона гузашта истодааст. Сарфи назар аз мушкилиҳои зикршуда Тоҷикистон сиёсати сулҳҷӯёна ва дарҳои кушодро пеша карда, амнияти пурраи шаҳрвандон, соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти худро дар мадди аввал қарор додааст. Дар ин самт омӯзиш ва баррасии таҷрибаи таърихии низоми давлатдории ниёгон, тарзи фаъолияти институтҳои давлатию ҳуқуқӣ, дифоъ аз ҳуқуқу манфиатҳои мардум, бунёди ҷомеаи адолатпарвар ва ғайра дорои аҳамияти бузург буда, дар солхои охир мубрамияти хосса пайдо кардаанд. «Воқеан, шахсони бузурге чун ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ танҳо ба миллату маҳал ва мазҳаби алоҳидае маҳдуд набуданд. Бузургии онҳо аз ин доира берун омада, баҳри хидмати аҳли башар вусъати ҷаҳонӣ пайдо мекунад, ки нишонаи возеҳи он эътирофу эҳтироми миллату халқҳои гуногун аст» . Дар ин замина таҳқиқи андешаҳо ва таълимоти давлатӣ-ҳуқуқии мутафаккирони бузург ва олимони барҷастаи асримиёнагии форсу тоҷик, ба монанди, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар илми муосири ҳуқуқшиносии тоҷик хеле зарур ва муҳиму саривақтӣ мебошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Диссертатсияи мазкур яке аз аввалин таҳқиқоти таърихӣ-назариявӣ ва омӯзиши афкори сиёсӣ-ҳуқуқии ақидаҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ буда, дар он таълимоти муттафаккир дар бораи ҳуқуқ ва давлат таҳқик гардидааст.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсиониро натиҷаҳои умумии назариявӣ-методологии зерин собит менамоянд:

1) асосҳои назариявӣ-методологии ақидаҳои давлатӣ-ҳуқуқии мутафаккир таҳқиқ карда шудаанд;

2) ақидаҳои давлатӣ ва ҳуқуқии мутафаккир дар робита бо фазои илмӣ ва фарҳангӣ асримиёнагии Шарқи наздик ва миёна таҳқиқ карда мешаванд;

3) имконияти истифодаи баъзе андешаҳои давлатию ҳуқуқии муттафакк дар бахши тарбияи ҳуқуқӣ, маърифати ҳуқуқӣ, боло бурдани фарҳанги ҳуқук низоми давлатдорӣ ва фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ асоснок карда мешавад;

4) таҳқиқоти мазкур илми ватанӣ ва хориҷии назариявӣ-ҳуқуқиро дар самти омӯзиши таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат бо дарназардошти таҷрибаи миллӣ ғанӣ мегардонад.

Натиҷаҳои аз таҳқики мавзуъ бадастомада на танҳо хислати хулосавии илмӣ доранд, инчунин мумкин аст барои таҳқиқотҳои

минбаъда дар самти омӯзиши афкори муттафакирони халқи тоҷик, таҳқиқи илмӣ-муқоисавӣ ва татбиқи амалии натиҷаҳои он дар самти сиёсати давлатӣ-ҳуқуқӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқию сиёсии аҳолӣ, тарбияи шаҳрвандон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ хидмат намоянд.

**Наввгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо нуктаҳои илмии зерин, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, собит мегардад:**

1. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар ҳалли масъалаҳои зиёди ҳуқуқӣ қонунҳои мантиқ ва усулҳои хулосабарории ақлгароиро васеъ истифода намуда, ҳамзамон ба арзишҳои инсондӯстонаи умумибашарӣ ва манфиатҳои ҷамъияту шахс диққати хосса додааст. Ӯ на танҳо мавқеи фиқҳи расмиро мустаҳкам сохт, балки дар доираи усули одобноманависӣ («Насиҳат-ул-мулук»), ки дар асрҳои миёна дар Шарқ хеле ривоҷ ёфта буд, самти дурусту оқилонаи шарҳи вазъи ҳуқуқии подшоҳон, шахсони мансабдор, табиати ҳуқуқии ҳокимияти давлатӣ, шаклҳо ва сарчашмаҳои ҳуқуқ, соҳаҳо, сохторҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи аҳли ҷомеаи онвақтаро дар маҷмӯъ ба роҳ мондааст.

2. Пайдоиши ҳокимиятро Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар мадди аввал бо иродаи илоҳӣ асоснок карда, бо истифода аз сиёсат ва ахлоқ масъалаҳои адолати иҷтимоӣ, ҳаққоният ва қонуниятро дар шакли насиҳат хеле моҳирона шарҳ додааст. Дар афкори вай дар раванди ташаккул ҳокимият ҷаҳонбинии подшоҳон аҳамияти аввалиндараҷа дошта, ҳангоми муайян сохтани моҳият ва табиати ҳокимият, пойдорӣ ва устувории ҷамъияту давлат, афзалияти адлу инсоф, сабру таҳаммул, ҳаққоният ва бовиҷдонӣ дар корҳои идоракунии давлатӣ ва фазилатҳои шуҷоат, иффат, хирад ва ғайра дода мешавад. Ба ақидаи мутафаккир ҳокимияти давлатӣ ҳамчун шакли махсуси сиёсат, ахлоқ ва ҳуқуқ дар ҷамъият, дар қатори дигар шаклҳои ташкили ҳокимият ва идоракунӣ нақши сарвариро низ бар ӯҳда дорад.

3. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аз зумраи аҳли тасаввуф буда, мавқеъ ва диди хоси ҳуқуқӣ дошта, ҷонибдори таълимоти волоияти адолат дар ҷомеа ва маҳкама мебошад. Муносибати вай дар самти адолат ва адолатпешагӣ бо андешаҳои мутафаккир дар бораи вазъи ҳуқуқии ҳокимону амирон, подшоҳон, вазирон, дабирон ва дигар ашхоси мансабдор робита дорад. Мутафаккир дар бораи вазъи ҳуқуқӣ ва рафтори шахсони мансабдори давлатӣ, хусусан дабирон (котибон) ва мушовирон ақидаҳои муҳимро пешниҳод намуда, шараф ва виҷдони мансабдоронро кафолати адолати иҷтимоӣ мешуморад.

4. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҷонибдолри давлати шоҳӣ буда, зарурияти онро дар он медид, ки танҳо сарвари давлат метавонад одамонро аз ҷабру зулми якдигар раҳонад ва ҳаёти ҷамъиятро танзиму мураттаб намояд. Ба ин кор танҳо шоҳи одил дастёб шуда метавонад. Ӯ дар таълимоти хеш ба се рукни асосии ҷомеа – раият, давлат ва шоҳ диққат додааст. Ба андешаи муттафакир, ҷамъияти инсонӣ мавҷудияти аркони зикршуда иборат буда, зуҳур ва амали онҳо гуногун ва аз ҳам фарққунанда мебошанд.

5. Мутафаккир нақш ва нуфузи баланди раиятро дар пешрафти ҷомеа нақши эътироф мекунад. Маҳз гуногунтабъиву мухталифии қобилияту истеъдоди раият ва гуногунии мизоҷи онҳо зарурияти падид омадани шоҳ ва дастгоҳи идоракунӣ – давлатро ба амал меорад. Мақсад таъсиси ҳокимият ва давлатро риояи адолат ҳамчун талаботи пешниҳодшаванда ба мардум ва башарият ташкил медиҳад. Ин талаботи асосии «давлати комил» ва инсони такамулёфтааст, ки бо ду роҳ таъмин карда мешавад: а) тавассути ташаккули маърифати умумӣ, шуури баланди ҷамъиятӣ ва тарбияи баланди ахлоқӣ; б) бо роҳи риояи арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ.

6. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ зидди ситам ва озори мардум буда, идоракунии истибдориро намепазируфт, зеро дар он манфиатҳои ҷомеа, ҳуқуқу озодиҳои раият поймол карда мешаванд. Мутафаккир аз таҷрибаи подшоҳони одил ва ғояи «ҳокимияти одил"-и мутафаккирони пешин пуштибонӣ намуда, назарияи устуворро асоснок кардааст. Назарияи мазкур бо истифода аз усули ақлгароёна асоснок карда шуда, ба ғояҳои идоракуни устувори адолатпеша, риояи қатъии меъёрҳои таъсиси ҳокимияти давлатӣ, фазилату ҳикмати подшоҳ, муносибати одилонаи подшоҳ ба раият, одоби умури давлатӣ, инсондӯстӣ такя дорад.

7. Сарчашмаҳои таълимоти ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадониро метавон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо сохт: а) динӣ (Қуръон, ҳадисҳои пайғамбар, иҷмоъ, иҷтиҳод, фатво, қиёс); б) ақлӣ (андешаҳо ва таҷрибаи шахсии муҳаққиқ); в) амалӣ (таҷрибаи идоракунии давлатӣ, санадҳои ҳуқуқии ҳокимияти давлатӣ, созишномаҳои гуногун байни давлатҳо).

8. Фаъолияти тафсирӣ яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мебошад. Мутафаккир бо истифода аз таҷрибаи дар ин соҳа ташаккулёфта ба шарҳи муфассали меъёрҳои ҳуқуқи исломӣ, ки дар он давраи низоми ҳуқуқии ҳукмрон буд, таваҷҷуҳи махсус

медиҳад. Тафсири ҳуқуқӣ дар асарҳои мутафаккир дар робита бо фаъолияти сохторҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ, бо мақсади такмили фаъолияти онҳо ва таъмини самаранокии татбиқи меъёрҳо ба роҳ монда мешавад. Илова бар ин, мутафаккир зарурияти ташаккули соҳаҳои гуногуни ҳуқуқро асоснок мекунад.

9. Ақидаҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ оид ба ҳуқуқи андоз, закот, намудҳои он, шартҳои пардохти он бо дарназардошти риояи ҳуқуқу манфиатҳои одамон, риояи адолат, муносибати инсондӯстона нисбати инсон, ба инобат гирифтани имконоти иқтисодии инсон пешниҳод карда мешаванд. Илова бар ин, ақидаи мутафакир оид ба ҷавобгарии андозсупорандагон баён мешавад.

10. Дар таълимоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ манфиатҳои инсон дар мадди аввал гузошта мешванд. Айни замон манфиатҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ҷудо карда мешаванд. Ба ақидаи мутафаккир имтиёзҳои алоҳида ва манфиатҳои инсон танзими ҳуқуқиро талаб менамоянд. Имтиёзҳои мазкур дар мадди аввал ҳуқуқҳои занону кӯдаконро таъмин мекунанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифода ёфта.** Дар раванди гузаронидани таҳқиқоти илмӣ муаллифи диссертатсия ба он осору таълифоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, ки дар онҳо дар ин ё он сатҳ масъалаҳои давлатию ҳуқуқӣ баррасӣ гашта бо забонҳои форсӣ, арабӣ, русӣ ва тоҷикӣ нашр шудаанд, такя намудааст. Ба зумраи ин осор китобу рисолаҳои «Захират-ул-мулук», «Асрору-н-нукта», «Рисолаи аҳлия», «Ҳалли мушкил», «Рисолаи футувватия» ва ғайра дохил мешаванд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ барои таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва асоснок кардани таълимоти хукукии Алии Ҳамадонӣ ва устодони маънавии ӯ, Муҳаммад ибни Идриси Шофеӣ асарҳои мактабҳои ҳуқуқӣ, факеҳҳони бузурги Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит, Молик Ибни Ҳамбал маҷмуи ҳадисҳои саҳеҳ аз он ҷумла – «Саҳеҳ»-и ал-Бухорой, сарчашмаи асосии ҳуқуқи исломӣ – Қуръону ҳадис инчунин осори Муҳаммад Ғозолӣ, Аттор, Начмуддин Куброй, Маҳмуди Шабустарӣ, Ҷалолуддини Румӣ, Алоуддавлаи Симнонӣ ва таҳқиқотҳои илмии эътирофшудаи шарқшиносон, адабиётшиносон, файласуфон, сиёсатшиносон, ҳуқуқшиносон ва дигар ҷомеашиносони муосир оварда шудаанд. Самтҳои гуногуни осори адабӣ, сиёсӣ, фарҳангии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ дар замони истиклолият

авҷи хоса гирифт. Дар ҷараёни омодасозии рисолаи илмӣ, муаллиф бевосита ба осори илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ такя намудааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.**

**Аҳамияти назариявӣ.** Дар натиҷаи таҳқиқоти илмӣ диссертант нуқтаҳои илмии назариявӣ ва тавсияҳои амалиро ба ҳимоя пешниҳод намудааст, ки натиҷаи он метавонад барои боз ҳам такон бахшидани заминаҳои илмӣ-назариявӣ, боло бурдани маърифати ҳуқуқию сиёсии аҳолӣ, шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ, такмили қонунгузории миллӣ ва ғ. мусоидат менамоянд. Натиҷаи кор, хулоса ва тавсияҳое, ки аз ҷониби диссертант манзур гардидаанд, бо дарназардошти таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, адабиёти васеи ватанию хориҷӣ, ғояҳои илман асосноки олимони дохиливу хориҷӣ сурат гирифтаанд, ки асоснокии онҳоро ифода менамоянд. Асосҳои методологии рисоларо методҳои умумиилмии таҳлили илмӣ, диалектикӣ, таърихӣ, муқоисавӣ, мантиқӣ, функсионалӣ ва низомнокӣ ташкил додаанд.

Дар ҷараёни пешбурдани таҳқиқоти мазкур хоссатан аз методҳои ҳуқуқии идрок васеъ истифода бурда шуданд, ки аз байни онҳо методҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва ғайраро метавон зикр кард.

Ҳангоми омода намудани рисола аз усули таърихӣ-ҳуқуқӣ васеъ истифода гардидааст. Ин усули нисбатан мувофиқ ва самарабахши таҳқиқи мавзуҳои самти мазкури омӯзиш мебошад. Ҳангоми таҳлил ва омӯзиши андеша ва афкори муттафакирони гуногун, вобаста ба шароити ҳаёт, фаъолият ва эъҷодиёти онҳо масъалаҳои мавриди назар баррасӣ мегарданд. Усли шаклии меъёрӣ ҳангоми муқоиса намудани андеша ва таълимотҳои гуногуни илмӣ, ҳолати рушд ва амалинамоии зуҳуроту меъёрҳои ҳуқуқӣ ва дигар меъёрҳои иҷтимоӣ дар ҳамбастагӣ, эъҷодиёти муттафакирон ва равияву мактабҳои илмӣ хос мебошад.

Дар ҷараёни омӯзиши осор ва эъҷодиёти Мир айид Алии Ҳамадонӣ методҳои таҳлилию мантикӣ, аз ҷумла таҳлил, синтез, ва хулосабарории мантиқӣ васеъ истифода шудааст. Истифодаи усулҳои гуногуни илмӣ, хосатан методҳои муқоисавии омӯзиш имконият доданд, то падидаҳои гуногуни давлатӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, ахлоқӣ, динӣ, эстетикӣ, фарҳангӣ ва дигар падидаҳои афкори сиёсию ҳуқуқӣ дар маҷмӯъ ва Алии Ҳамадонӣ дар алоҳидагӣ ва дар муқоиса таҳқиқ гарданд.

**Аҳаммияти амалӣ.** Тавсияҳои амалии дар натиҷаи таҳқиқот бадастомада ба воқеияти фарҳангию иҷтимоии замон мувофиқат намуда, имконияти татбиқи онҳо дар шароити воқеии Ҷумҳурии Тоҷикистон

мавҷуд аст. Ин тавсияҳо бо дарназардошти вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангии кишвар таҳия шудаанд ва метавонанд ҳамчун заминаи илмӣ барои таҳияи стратегияҳои давлатӣ ва барномаҳои амали тарбияи ҳуқуқӣ, маърифати ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ истифода шаванд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Доир ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ унвонҷӯ 15 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 10 мақола дар маҷаллаҳои дигар ба нашр расонидааст.

Зикр намудан ба маврид аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Сохтори рисолаи илмии Калонзода Фатҳиддин Мирзошариф дар мавзуи «Ақидаҳои давлатӣ – ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст. Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифода амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 190 саҳифаро ташкил медиҳад.

Сохтори диссертатсия ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқ буда, ҳамаи масъалаҳои аз ҷониби муаллиф пешниҳодшуда ҳаллу фасли худро ёфтаанд. Пешниҳодҳои дар диссертатсия ифодашуда асоснок мебошанд. Рӯйхати адабиёт аз сарчашмаҳои зиёде иборат мебошанд, ки онҳо барои омӯзиши муфассали ҳолати кор дар мавзуи таҳқиқшаванда имконият додаанд.

**Автореферат** **фишурдаи диссертатсия** буда, дар умум мафҳум ва моҳияти диссертатсияро ифода мекунад.

**Дар баробари паҳлӯҳои мусбии диссертатсия баъзе масъалаҳои таҳлилталаб ва баҳснок дар он ба назар мерасанд, ки аз нигоҳи илмӣ асоснокиро талаб менамоянд. Онҳоро ба таври зайл нишон додан мумкин аст:**

1. Муаллиф дар нуқтаи чоруми ба ҳимоя пешниҳодшаванда изҳор медорад, ки Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҷонибдори давлати шоҳӣ буд. Ба ақидаи ӯ, танҳо сарвари давлат метавонад одамонро аз ҷабру зулми якдигар раҳонад ва ҳаёти ҷамъиятро танзиму муратгаб намояд. Вале дар таълимоти мутафаккир боз ду рукни асосии ҷомеа – раият ва давлатро (дар симои шахсони мансабдор, шӯроҳо ва мақомоти давлатӣ) низ номбар менамояд, барои амалӣ шудани як ҳадаф – расидан ба беҳбудии ҷомеа мусоидат мекунад. Ба андешаи мо диссертант ҳангоми баррасии масъалаи мазкур нақши ҳокимон ва амалдорони маҳаллӣ, шахсони мансабдори соҳавии давлатиро (муҳтасиб, амлокдор, надимону хидматгорони дарбор ва ғ.) дар сатҳи зарурӣ баррасӣ намудааст, ки дар таълимоти мутафаккирони форсу тоҷик ва умуман, ҳаёти сиёсию давлаии давраи асрҳои миёна мавқеи хоса доштанд. Дар ин хусус мехостем муаллиф ҳангоми ҳимояи ошкорои диссертатсия андешаи худро иброз медоштанд.

2. Муаллифи диссертатсия дар банди чоруми тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот қайд менамояд, ки "Сарварӣ дар эҷодиёти мутафаккир ҳамчун илми идоракунӣ баҳо дода шудааст. Барои расидан ба зинаи сарварӣ шахс бояд аз даврони ҷавонӣ омода карда шавад, илму дониш андӯзад, таҷрибаи бузургонро омӯзад, одобу ахлоқи ҳамида дошта бошад, адолатҷӯ ва ҳақпарвар бошад. Бо назардошти ин муқаррарот, соҳаи нави дониш, илми «одоби сарварӣ»-ро ташаккул додан лозим аст". Фаҳмидан мехостем, ки муаллиф ҳангоми пешниҳод намудани чунин тавсияҳо танҳо ба ақидаҳои сиёсӣ-ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ маҳдуд шудааст ё ин ки андешаҳои муттафаккирони форсу тоҷикро, ки ба равия ва мактабҳои гуногуни сиёсӣ ва ҳуқуқӣ пайравӣ менамоянд ба инобат гирифтааст. Дар ин хусус андешаи асосноки муаллифро ҳангоми ҳимояи ошкорои диссертатсия фаҳмидан мехостем.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Мазмуни диссертатсия аз кофӣ будани баёни мазмун, асоснокии навгонии илмӣ ва таҳқиқи комили он шаҳодат медиҳад. Муаллиф дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ хулосаҳои илман асоснок ва натиҷагириҳои комили илмиро ба даст овардааст, ки он метавонад барои рушди илми муосири назарияи давлат ва ҳуқуқ, таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ва умуман илми ҳуқуқшиносӣ саҳми арзандаи худро гузорад. Диссертатсияи Калонзода Фатҳиддин Мирзошариф дар мавзуи «Ақидаҳои давлатӣ –

ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, таҳқиқоти диссертатсионии Калонзода Фатҳиддин Мирзошариф дар мавзуи «Ақидаҳои давлатӣ – ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ» ба талабот оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

Муқаррizи расмӣ:
Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, декани факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон — Кенҷазода Ш. Ю.

13.08.2025

Имзои Кенҷазода Ш .Ю. -ро тасдиқ мекунам, санаи 13.08.2025.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент — Бобоев А. Х.

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, 735700, шаҳри Хуҷанд, микро ноҳияи 17, бинои 1,Тел:+ 992 (3422)2-38-11; фак: +992 (3422) 2-51-70.Веб сайт:www.tsulbp.tj. Email: tsulbp rambltr. ru

ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, таҳқиқоти диссертатсионии Калонзода Фатҳиддин Мирзошариф дар мавзуи «Ақидаҳои давлатӣ – ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ» ба талабот оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

Муқаррizи расмӣ:
Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, декани факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон Кенҷазода Ш. Ю.

13.08.2025

Имзои Кенҷазода Ш .Ю. -ро тасдиқ мекунам, санаи 13.08.2025.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Бобоев А. Х.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, 735700, шаҳри Хуҷанд, микро ноҳияи 17, бинои 1,Тел:+ 992 (3422)2-38-11; фак: +992 (3422) 2-51-70.Веб сайт:www.tsulbp.tj. Email: tsulbp rambltr. ru